# Дўст доштани Паёмбар
*-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*
# аз имон аст.

﴿ محبة الرسول ﷺ من الإيمان ﴾

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Абдуссатори Ҳамид**

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ محبة الرسول ﷺ من الإيمان ﴾

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حميد

2009 - 1430

islamhouse.com

# Дӯст доштани Паёмбар

***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-***

# аз имон аст.

**Аз Анас** ***-разияллоҳу анҳу-*** **ривоят аст ки " Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*** **гуфт :"Имони Касе аз шумо комил намешавад, магар ин ки аз падару фарзандон ва аз тамоми мардум, барои ӯ маҳбубтару дустдоштатар бошам".**

**Яъне Инсон ҳамон вақт мӯъмини ҳақиқи мегардад, ки Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*****ро аз ҳама бештар дӯст дорад. Имони ҳақиқи инсонро водор мекунад, ки ҳаққи Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*** **бар болои ӯ аз ҳаққи ҳама башарият, ҳатто аз ҳаққи падару модар зиёдтар аст.**

**Ҳамчунон ҳар як фарди мусалмон, бояд аз нафси худ Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*****ро зиёдтар дӯст дорад, ҷунки У ҳамаро аз оташи абади наҷот дода, аз гумроҳиву машаққати дунё ба нури имону ҳаёти ҳақиқи ҳидоят намуд.**

**Яке аз нишонаҳои дустдори ва муҳабати Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*** **инаст, ки бояд тамоми օнчи ки Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*** **амр кардааст ба ҷо биёрем ва аз тамоми ончи ки манъ кардааст боз истем.**

**Чуноне ки Худованд мефармояд:**

﴿قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣١﴾ آل عمران ٣١

**"Эй Муҳаммад бигу (ба мардум) агар дуст медоред Худоро пас пайрави кунед аз ман то дуст дорад Худо шуморо ва бибахшад гуноҳони шуморо Худо бахшандаву меҳрубон аст".**

**Ва дар ояти дигар Худованд мефармояд:**

﴿وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَىٰكُمۡ عَنۡهُ فَٱنتَهُواْۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٧﴾ الحشر ٧

**"Ҳар чи бидиҳад шуморо Паёмбар бигиред ва аз ҳар чи манъ кунад шуморо боз истед (яъне дури ҷуед) ва битарсед аз Худо, ҳар оина Худовад уқубатдиҳандаи шадид аст).**

**Ин чунин яке аз намудҳои муҳаббати Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*** **зинда гардонидани суннат ва дифоъ кардан аз шариати У мебошад.**

**Ҳамҷунон мусулмон бояд худро бо ахлоқи Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*** **зинат диҳад, яъне дар сабру ҳилмашу хоксорию саховатмандиаш пайравии Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*****ро намояд.**

**Аз ҳама муҳим бояд инсон Паёмбар** ***-саллалоҳу алайҳи ва саллам-*****ро аз худаш низ бисёртар дӯст дорад. Дар ҳадиси дигаре омадааст .**

**Паёмбар** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* **мефармояд:**

**"Касе аз шумо мусулмони комил намешавад, ҳатто ки манро аз нафсаш зиёдтар дӯст дорад."**

**Дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Ҳишом омадааст, ки ҳазрати Умар** *-разияллоҳу анҳу-* **ба Паёмбар** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* **гуфт:**

***"Эй Паёмбари Аллоҳ, шуморо аз ҳама бештар дӯст медорам, магар аз нафсам. Паёмбар*** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* ***гуфт:"На! Қасам ба Аллоҳ (мусулмони комил намешави) ҳатто, ки аз нафсат низ маҳбубтар бошам". Пас ҳазрати Умар*** *-разияллоҳу анҳу-* ***гуфт :"Қасам ба Аллоҳ, ҳозир шумо назди ман аз нафсам низ маҳбубтар мебошед". Паёмбар*** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* ***гуфт : " Ҳозир эй Умар (яъне ҳозир ту мусулмони комил шуди).***

**Фоидаҳои мухтасар аз ин ҳадиси шариф.**

**1- Ин ҳадис манзилати Паёмбар** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* **ва фазли эшонро бар ҷамиъи афроди уммат баён мекунад.**

**2- Итоати Паёмбар** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* **муқаддам бар ҳамаи ҷиз аст.**

**3- Ҳадиси шариф баёнгараст, ки Паёмбар** *-саллалоҳу алайҳи ва саллам-* **соҳиби фазл аст, бинобар ин эшонро бояд пайрави кард ва суннати эшонро бояд зинда намуд.**